88651 - Достони ба Ислом гаравидани Салмони Форсӣ (Аллоҳ аз ӯ рози бод)

савол

Ҳадисе, ки дар он як марди насронӣ Исломро қабул мекунад ва қиссаи ба Ислом гаравидани худро ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нақл мекунад, то чӣ андоза саҳеҳ аст?

Ӯ нақл мекунад, ки бо чандин роҳиб вохӯрдааст ва ҳар яке аз онҳо ба ӯ тавсия додааст, ки назди роҳиби дигаре равад. Охиринашон марди солеҳе буд, ки соле як маротиба берун меомад ва мардумро шифо мебахшид. Вақте ба дидори ӯ мушарраф мешавад, он мард ба ӯ тавсия медиҳад, ки ба Макка биравад ва сифатони паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро барояш баён мекунад.

Он гоҳ паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ӯ мефармояд:
«Агар суханат рост бошад, пас ӯ Масеҳ, Исо аст».

Ҷавоби муфассал

Ҳадисе, ки саволдиҳанда дар назар дорад, ҳадиси тӯлониест, ки дар он қиссаи ба Ислом гардидани саҳобии бузургвор Салмони Форсӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) баён шудааст. Ӯ аввал пайрави дини маҷусӣ буд, сипас ба дини насронӣ гаравид ва баъд дини Исломро қабул кард.
Ин ҳодиса пас аз он рух дод, ки ӯ бо чандин роҳибони насронӣ вохӯрд. Охирин нафари онҳо марди солеҳе буд, ки дар бораи паёмбари охирзамон дониш дошт. Ӯ ба Салмон тавсия дод, ки ба сарзамини араб, ки он паёмбар дар он зуҳур хоҳад кард, биравад ва нишонаҳои он сарзаминро барояш баён намуд. Он сарзамин ҳамон шаҳри паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) буд.
Аммо дар ҳадис гуфта нашудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) он роҳибро Масеҳ, Исо ибни Марям (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) номида бошад. Баръакс, Исо (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар осмон қарор дорад ва Аллоҳ таъоло ӯро то замони муайян ба сӯи Худ

боло бурдааст, то дар охирзамон ӯро фуруд оварад ва ба воситаи ӯ динро барпо намояд. Қиссаи мусулмон шудани Салмон қиссаи басо ибратомӯз ва пур аз панду андарз ва фоида аст. Аз ин рӯ, мутолиаи пурраи ҳадисро ба хонандаи гиромӣ вомегузорам, то аз мазмун ва маъниҳои он баҳра бардорад.

Аз Абдуллоҳ ибни Аббос ривоят аст, ки гуфт: Салмони Форсӣ қиссаи худро аз забони худ бароям чунин нақл кард:

Ман марде форсӣ, аз аҳли Исфаҳон ва сокини деҳае бо номи Ҷай будам. Падарам деҳқон (яъне сарвару раиси деҳа) буд. Ман дар назди ӯ азизтарин шахс аз миёни тамоми махлуқоти Аллоҳ будам. Муҳаббати беандозааш ба ман то ҷое расида буд, ки маро дар хона нигоҳ медошт ва намегузошт аз он берун равам, ҳамон гуна ки канизеро дар хона нигоҳ медоранд. Ӯ маро ҳамеша назди оташ қарор медод.

Ман дар дини маҷусӣ чунон ҷидду ҷаҳд кардам, ки нигаҳбони оташ (яъне хизматгузори он) шудам ва онро меафрӯхтам ва намегузоштам, ки ҳатто як лаҳза хомӯш гардад.

Падарам боғу киштзори бузурге дошт. Рӯзе ӯ ба корҳои сохтмоние машғул шуд ва ба ман гуфт: "Эй писаракам! Имрӯз машғули корҳои сохтмонӣ шудам ва натавонистам ба боғам сар занам. Пас, ту бираву аз он хабар бигир ва вазъи онро баррасӣ кун". Ҳамчунин, дар мавриди боғ чанд кореро, ки мехост анҷом дода шаванд, ба ман супориш дод.

Ман барои рафтан ба боғи ӯ аз хона берун шудам. Дар роҳ аз назди яке аз калисоҳои насроният гузаштам. Садои онҳоро шунидам, ки онҳо намоз мехонданд. То он вақт, ба сабаби он ки падарам маро дар хона нигоҳ медошт, аз вазъи мардум ва аҳволи дигарон огоҳ набудам. Вақте аз назди онҳо гузаштам ва садои ибодаташонро шунидам, ба назди онҳо даромадам, то бубинам, ки онҳо чӣ кор мекунанд

Вақте онҳоро дидам, намозашон ба ман писанд омад ва ба оини онҳо майлу рағбат пайдо карда, гуфтам: "Ба Аллоҳ савганд, ин оин аз дине, ки мо пайрави он ҳастем, беҳтар аст!"

Ба Аллоҳ савганд, то ғуруби офтоб дар назди онҳо мондам. Боғи падарамро раҳо кардам ва ба он ҷо нарафтам. Сипас аз онҳо пурсидам: "Сарчашмаи ин дин дар куҷост?" Гуфтанд: "Дар Шом".

Баъд ба назди падарам баргаштам. Ӯ чанд нафарро ба дунболи ман фиристода будааст ва аз наомадани ман парешон шуда, тамоми корҳои худро нотамом гузошта буд. Вақте ба назди ӯ расидам, гуфт: "Эй писаракам! Дар куҷо будӣ? Магар ба ту супориш надода будам,

ки чӣ кор кунӣ?"

Гуфтам: "Эй падар! Дар роҳ аз назди гурӯҳе гузаштам, ки дар калисои худ намоз мегузориданд. Он чӣ аз оини онҳо дидам, ба ман писанд омад. Ба Аллоҳ савганд, то ғуруби офтоб дар назди онҳо мондам".

Падарам гуфт: "Эй писаракам! Дар он дин ҳеҷ хайре нест. Дини ту ва падаронат аз он беҳтар аст".

Гуфтам: "Ҳаргиз чунин нест! Ба Аллоҳ савганд, он дин аз дини мо беҳтар аст".

Падарам аз ин сухани ман ба ҳарос афтод ва ба пойҳоям завлона басту сипас маро дар хонааш ҳабс кард.

Ман ба назди насрониён шахсеро фиристода, ба онҳо гуфтам: "Ҳар гоҳ корвоне аз тоҷирони насронӣ аз Шом ба назди шумо биёяд, маро аз омадани онҳо огоҳ созед".

Дере нагузашта, корвоне аз тоҷирони насронӣ аз Шом омад ва онҳо маро аз омадани он огоҳ карданд. Ба онҳо гуфтам: "Ҳар гоҳ тоҷирон корҳои худро ба анҷом расонанд ва қасди бозгашт ба сарзамини хешро кунанд, маро огоҳ созед".

Вақте онҳо хостанд ба сарзамини худ баргарданд, ба ман хабар доданд. Ман завлонаҳоро аз пойҳоям кушода, ҳамроҳи онҳо аз он ҷо берун шудам ва ба Шом расидам.

Вақте ба Шом расидам, (аз мардум) пурсидам: "Дар миёни пайравони ин дин кадом шахс аз ҳама беҳтару барҷастатар аст?" Гуфтанд: "Усқуфе, ки дар калисо қарор дорад".

Назди ӯ рафтам ва гуфтам: "Ман ба ин дин майлу рағбат пайдо кардаам ва мехоҳам ҳамроҳи ту бошам, дар калисоят ба ту хидмат кунам, аз ту дониш биомӯзам ва ҳамроҳат намоз бихонам".

Ӯ гуфт: "Биё, дохил шав!" Ман низ ба назди ӯ даромадам.

Аммо ӯ марди бадсириште буд. Мардумро ба садақадиҳӣ амр мекард ва онҳоро ба ин кор ташвиқ менамуд, вале вақте онҳо садақаҳои худро ба ӯ месупурданд, ҳамаи онҳоро барои худ ҷамъ меовард ва ба ниёзмандон чизе намедод. Ҳамин тавр, ҳафт кӯзаи пур аз тиллову нуқра ҷамъ овард.

Аз рафтори ӯ сахт нафрат пайдо кардам. Дере нагузашта, ӯ аз дунё гузашт ва насрониён барои ба хок супурдани ӯ гирди ҳам омаданд.

Ба онҳо гуфтам: "Ин мард шахси бадкоре буд. Шуморо ба садақадиҳӣ амр мекард ва ба он ташвиқ менамуд, аммо вақте садақаҳоятонро ба ӯ меовардед, ҳамаи онҳоро барои худ ҷамъ

мекард ва ба ниёзмандон чизе намедод".

Онҳо пурсиданд: "Ту инро аз куҷо медонӣ?"

Гуфтам: "Ман ҷойи ганҷинаи ӯро ба шумо нишон медиҳам".

Гуфтанд: "Онро ба мо нишон деҳ".

Ман ҷойи ганҷинаашро ба онҳо нишон додам. Онҳо ҳафт кӯзаи пур аз тиллову нуқраро аз он ҷо берун оварданд. Вақте онро диданд, гуфтанд: "Ба Аллоҳ савганд, ҳаргиз ӯро ба хок намесупорем!"

Сипас ӯро ба дор овехтанд ва бо сангҳо сангсор карданд. Пас аз он марди дигареро оварда, ба ҷойи ӯ гузоштанд.

Ман то он вақт касеро надида будам, ки намозҳои панҷгонаро барпо дорад ва дар зоҳидӣ аз ӯ бартар бошад; касе, ки нисбат ба дунё зоҳидтар, ба охират дилбастатар ва шабу рӯз бештар аз ӯ машғули ибодат бошад.

Ба ӯ чунон дил бастам, ки пеш аз он ба ҳеҷ кас чунин муҳаббате надоштам. Муддате дар назди ӯ мондам. Аммо дере нагузашта, вақти вафоташ фаро расид. Ба ӯ гуфтам: "Эй фалонӣ! Ман муддате ҳамроҳи ту будам ва ба ту чунон муҳаббат пайдо кардам, ки пеш аз ин ба ҳеҷ кас чунин муҳаббате надоштам. Акнун, чунон ки мебинӣ, фармони Аллоҳ таъоло (вақти вафоти ту) фаро расидааст. Маро ба кӣ месупорӣ ва ба ман чӣ тавсия медиҳӣ?"

Ӯ гуфт: "Эй писаракам! Ба Аллоҳ савганд, имрӯз касеро намешиносам, ки бар ҳамон роҳе бошад, ки ман бар он будам. Мардум ҳама ҳалок шуданд, дини худро дигар карданд ва қисми зиёди он чиро, ки пештар ба он пойбанд буданд, тарк намуданд. Ба ҷуз марде дар Мавсил, ки фалонӣ ном дорад. Ӯ ҳанӯз бар ҳамон роҳест, ки ман бар он будам. Пас, назди ӯ бирав".

Пас аз он ки ӯ даргузашт ва ба хок супурда шуд, ман назди он марди муқими Мавсил рафтам ва ба ӯ гуфтам: "Эй фалонӣ! Фалонӣ ҳангоми маргаш ба ман васият кард, ки назди ту биёям ва ба ман хабар дод, ки ту низ бар ҳамон роҳу равиши ӯ ҳастӣ".

Он мард ба ман гуфт: "Назди ман бимон!" Ман низ назди ӯ мондам. Дидам, ки ӯ беҳтарин мард буда, бар ҳамон роҳу равиши шахси пешинааш пойбанду устувор аст.

Дере нагузашта, марги ӯ низ фаро расид. Вақте лаҳзаҳои охири умраш фаро расиданд, ба ӯ гуфтам: "Эй фалонӣ! Фалонӣ маро ба ту супориш карда, амр намуда буд, ки назди ту биёям. Акнун, чунон ки мебинӣ, фармони Аллоҳ таъоло (вақти вафоти ту) фаро расидааст. Маро ба

кӣ месупорӣ ва ба ман чӣ тавсия медиҳӣ?"
Ӯ гуфт: "Эй писаракам! Ба Аллоҳ савганд, касеро намешиносам, ки бар ҳамон роҳе бошад, ки мо бар он будем, магар марде дар Насибин (Нусайбин), ки фалонӣ ном дорад. Пас, назди ӯ бирав".
Пас аз он ки ӯ даргузашт ва ба хок супурда шуд, назди марди муқими Насибин рафтам. Ба назди ӯ омада, саргузашти худро ва он чиро ки шахси пешинаам ба ман супориш дода буд, нақл кардам.
Ӯ гуфт: "Назди ман бимон!" Ман низ назди ӯ мондам. Дидам, ки ӯ низ бар ҳамон роҳу равиши ду шахси пешинааш пойбанду устувор аст. Ҳамин тавр, дар назди беҳтарин марде иқомат кардам.
Аммо ба Аллоҳ савганд, дере нагузашта, марги ӯ низ фаро расид. Вақте маргаш фаро расид, ба ӯ гуфтам: "Эй фалонӣ! Фалонӣ маро ба фалонӣ супориш карда буд ва сипас ӯ низ маро ба ту супориш намуд. Акнун маро ба кӣ месупорӣ ва ба ман чӣ тавсия медиҳӣ?"
Ӯ гуфт: "Эй писаракам! Ба Аллоҳ савганд, мо дигар касеро намешиносем, ки бар роҳи мо боқӣ монда бошад ва туро ба назди ӯ роҳнамоӣ кунам, ҷуз марде дар Аммурия. Ӯ низ бар ҳамон роҳест, ки мо бар он будем. Агар хоҳӣ, назди ӯ бирав".
Пас аз он ки ӯ даргузашт ва ба хок супурда шуд, назди марди муқими Аммурия рафтам ва саргузашти худро ба ӯ нақл кардам.
Ӯ ба ман гуфт: "Назди ман бимон!" Ман назди марде мондам, ки ӯ аз роҳу равиши шахсони пешинааш пайравӣ мекард ва бар ҳамон роҳу равиш пойбанду устувор буд.
Ман ба касбу кор машғул шуда, тадриҷан соҳиби чанд сар гов ва гӯсфандон шудам. Дере нагузашта, фармони Аллоҳ таъоло (вақти вафоти ӯ) фаро расид. Вақте лаҳзаҳои охири умраш фаро расиданд, ба ӯ гуфтам: "Эй фалонӣ! Ман пеш аз ин назди фалонӣ будам. Ӯ маро ба фалонӣ супориш кард ва фалонӣ низ маро ба фалонии дигар супорид. Сипас ӯ маро ба ту супориш намуд. Акнун маро ба кӣ месупорӣ ва ба ман чӣ тавсия медиҳӣ?"
Ӯ гуфт: "Эй писаракам! Ба Аллоҳ савганд, имрӯз дигар касеро намешиносам, ки бар ҳамон роҳу равише бошад, ки мо бар он будем ва туро ба назди ӯ роҳнамоӣ кунам. Аммо замони зуҳури паёмбаре ба ту наздик шудааст. Ӯ бо дини Иброҳим (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фиристода хоҳад шуд. Дар сарзамини араб зуҳур мекунад ва ба сарзамине ҳиҷрат менамояд, ки миёни ду замини санглохи сиёҳ ҷойгир аст. Дар миёни он ду замин дарахтони

хурмо мерӯянд. Ӯ нишонаҳое дорад, ки пӯшида наменомонанд: ҳадяро мехӯрад, вале садақаро намехӯрад ва миёни ду китфаш мӯҳри нубувват дорад. Агар тавонӣ ба он сарзамин бирасӣ, пас ҳатман чунин кун".

Сипас он мард низ даргузашт ва ба хок супурда шуд. Ман муддате, ки Аллоҳ таъоло хоста буд, дар Аммурия мондам. Баъд аз он, гурӯҳе аз тоҷирони қабилаи Калб аз он ҷо гузаштанд. Ба онҳо гуфтам: "Оё маро ба сарзамини араб мебаред? Дар ивази он, ҳамаи ин говҳо ва гӯсфандони худро ба шумо медиҳам".

Онҳо гуфтанд: "Бале".

Ман чорвои худро ба онҳо додам ва онҳо маро ҳамроҳи худ бурданд. Аммо вақте маро ба водии Қуро расонданд, ба ман ситам карданд ва маро ба унвони ғулом ба марде аз яҳудиён фурӯхтанд. Ҳамин тавр, дар хидмати ӯ қарор гирифтам.

Дар он ҷо дарахтони хурморо дидам ва умед бастам, ки шояд ин ҳамон сарзамине бошад, ки он марди солеҳ нишонаҳояшро бароям баён карда буд. Аммо ҳанӯз ба ин боварии комил надоштам.

Ҳангоме ки дар хидмати он мард будам, писарамаки ӯ аз Мадина, аз қабилаи Банӣ Қурайза, ба наздаш омад. Ӯ маро аз он мард харид ва ҳамроҳи худ ба Мадина бурд.

Ба Аллоҳ савганд, ҳамин ки Мадинаро дидам, онро аз рӯйи нишонаҳое, ки марди солеҳ бароям баён карда буд, шинохтам ва дар он ҷо иқомат кардам.

Аллоҳ таъоло паёмбари Худро фиристод. Ӯ муддате, ки Аллоҳ таъоло хоста буд, дар Макка иқомат кард. Аммо ман ба сабаби машғул будан ба корҳои ғуломӣ, аз хабарҳои ӯ огоҳ намешудам.

Сипас паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба Мадина ҳиҷрат кард.

Ба Аллоҳ савганд, он вақт ман бар болои шохаи дарахти хурмое будам, ки ба хоҷаам тааллуқ дошт ва машғули иҷрои баъзе корҳо дар он будам. Хоҷаам нишаста буд, ки ногаҳон писарамаки ӯ омаду дар рӯ ба рӯяш истод ва гуфт: "Аллоҳ фарзандони Қайларо ба ҷазои аъмолашон расонад! Ба Аллоҳ савганд, онҳо ҳоло дар Қубо гирди марде ҷамъ омадаанд, ки имрӯз аз Макка назди онҳо омадааст. Онҳо гумон доранд, ки ӯ паёмбар аст".

Ҳамин ки ин суханро шунидам, ларзаи сахте, монанди ларзаи табларза, вуҷудамро фаро гирифт, то ҷое ки гумон кардам, ҳоло аз болои дарахт бар сари хоҷаам меафтам.

Аз дарахт поён шуда, ба писарамаки хоҷаам пайваста мегуфтам: "Чӣ гуфтӣ? Боз чӣ гуфтӣ?"

Хоҷаам аз ин рафтори ман ба хашм омад ва мушти сахте ба ман зад. Сипас гуфт: "Ту ба ин чӣ кор дорӣ?! Ба корат машғул шав!"
Гуфтам: "Ҳеҷ чиз нест. Танҳо мехостам аз дурустии суханони ӯ итминон ҳосил кунам".
Ман дар назди худ миқдоре аз молу чизеро ҷамъ карда будам. Чун шом фаро расид, онро бардошта, назди расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рафтам. Ӯ он вақт дар Қубо қарор дошт.
Ба назди ӯ ворид шуда, гуфтам: "Ба ман хабар расидааст, ки шумо марди солеҳ ҳастед ва ҳамроҳатонатон ғарибу ниёзманданд. Ин чизҳоро барои садақа омода карда будам. Ба фикри ман, шумо нисбат ба дигарон ба он сазовортаред.
Сипас онро пеши ӯ гузоштам. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ёрони худ фармуд: "Бихӯред!" Аммо худ даст аз он нигоҳ дошт ва чизе нахӯрд.
Бо худ гуфтам: "Ин як нишона".
Баъд аз назди ӯ баргаштам ва боз миқдоре чиз ҷамъ овардам. Дар ин миён, Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба Мадина кӯчид. Сипас он чизҳоро гирифта, назди ӯ рафтам ва гуфтам: "Дидам, ки шумо садақаро намехӯред. Ин бошад, ҳадяест, ки ба нишони эҳтиром ба шумо тақдим мекунам".
Ин дафъа расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз он хӯрд ва ба ёронашон низ дастур дод, ки ҳамроҳи ӯ бихӯранд.
Бо худ гуфтам: "Ин ду нишона шуд".
Сипас назди расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рафтам. Ӯ дар Бақиъу-л-ғарқад буд. Он рӯз аз пайи ҷанозаи яке аз ёронашон рафта буд. Ду порча матои худро ба тан дошт ва дар миёни ёронаш нишаста буд.
Ба ӯ салом додам ва сипас ба тарафи пушти ӯ ба он сӯ гаштам, то бубинам, ки оё мӯҳри нубувватеро, ки он марди солеҳ бароям тавсиф карда буд, пайдо мекунам ё не.
Чун расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дид, ки ман ба пушти ӯ менигарам, пай бурд, ки мехоҳам аз нишонае, ки бароям тавсиф шуда буд, итминон ҳосил кунам. Аз ин рӯ, ҷомаи худро аз пушташ канор зад. Ба мӯҳри нубувват нигаристам ва онро шинохтам. Дарҳол худро ба ӯ расонида, мӯҳри нубувватро бӯсидам ва гиря кардам.
Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ман фармуд: **«Ба ин тараф биё!»** Ман низ ба он тараф рафтам ва нишастам. Сипас тамоми саргузашти худро ҳамон гуна, ки бароят нақл

кардам, эй Ибни Аббос, ба ӯ бозгӯ намудам.

Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мехост ва хуш дошт, ки ёронаш низ ин саргузаштро бишнаванд.

Сипас, ғуломӣ Салмонро машғул сохт ва ба ҳамин сабаб ӯ дар ҷангҳои Бадр ва Уҳуд ҳамроҳи расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) иштирок карда натавонист.

Салмон мегӯяд: Баъд аз он, расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ман фармуд: **«Эй Салмон, бо хоҷаат шартномаи мукотаба банд (яъне, барои озод шуданат бар ивази пардохти маблағи муайян бо ӯ шартнома банд)».**

Ман бо хоҷаам шартнома бастам, ки дар ивази шинондани сесад ниҳоли хурмо ва пардохти чиҳил уқия (воҳиди вазни нуқра) озод шавам. Ӯҳдадории шинондани ниҳолҳо низ аз он иборат буд, ки барои ҳар яки онҳо дар замин чуқурчае канда, онро барои шинондан омода созам.

Он гоҳ расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ёронаш фармуд: **«Ба бародаратон ёрӣ расонед!»**

Саҳобагон бо додани ниҳолҳои хурмо ба ман ёрӣ расонданд: яке сӣ ниҳол, дигаре бист ниҳол, сеюмӣ понздаҳ ниҳол ва дигаре даҳ ниҳол дод. Ҳар кас ба андозаи имконияташ саҳм гузошт, то ин ки дар маҷмӯъ сесад ниҳол ҷамъ овардам.

Сипас, расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ман фармуд: **«Эй Салмон, бирав ва барои шинондани ниҳолҳо чуқурчаҳо коб. Вақте ки коратро анҷом додӣ, назди ман биё, то худам онҳоро бо дастони худ шинонам».**

Ман барои шинондани ниҳолҳо чуқурчаҳо канда, бо ёрии ёронам корамро ба анҷом расондам. Вақте ки корро тамом кардам, назди расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омада, инро ба ӯ хабар додам. Он гоҳ расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳамроҳи ман ба он ҷо омад. Мо ниҳолҳоро ба ӯ наздик мекардем ва расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳар яки онҳоро бо дасти худ мешинонд.

Савганд ба Зоте, ки ҷони Салмон дар дасти Ӯст, аз он ниҳолҳо ҳатто яктоаш ҳам нобуд нашуд.

Ҳамин тавр, ман ӯҳдадории шинондани дарахтони хурморо иҷро кардам, вале пардохти маблағ ҳанӯз бар зиммаам боқӣ монда буд.

Он гоҳ аз яке аз ғазваҳо барои расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) миқдоре тилло

оварданд, ки ҳаҷмаш ба андозаи тухми мурғ буд. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пурсид: **«Он марди форсие, ки барои озодии худ бо хоҷааш шартномаи мукотаба баста буд, чӣ кор кард?»**

Маро назди ӯ даъват карданд. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **«Эй Салмон, инро бигир ва қарзи худро бо он адо кун»**.

Гуфтам: "Эй расулуллоҳ, ин миқдор тилло дар баробари қарзе, ки бар зиммаи ман аст, чӣ қадарро мепӯшонад?"

Фармуд: **«Онро бигир, зеро Аллоҳ ба василаи он қарзатро адо хоҳад кард».**

Он тиллоро гирифтам ва аз он барои онҳо чиҳил уқия вазн карда додам. Савганд ба Зоте, ки ҷони Салмон дар дасти Ӯст, ҳаққи онҳоро пурра пардохт кардам ва озод шудам.

Пас аз он, дар ҷанги Хандақ ҳамроҳи расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) иштирок кардам ва баъд аз он дигар ҳеҷ ҷанге набуд, ки дар он ҳамроҳи ӯ иштирок накарда бошам.

Ин ҳадисро Аҳмад дар китоби "Ал-Муснад" (5/441) ривоят кардааст. Муҳаққиқон гуфтаанд, ки санади ин ҳадис ҳасан аст.

Аллоҳ донотар аст.